**ТАҚРИЗИ**

**муқарризи расмӣ ба кори диссертатсионии Парвизи Ҳотам дар мавзуи «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 6D081000 - мелиоратсия, барқарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо**

Кори диссертатсионии Парвизи Ҳотам дар мавзӯи «Баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» аз 3 боб – муқаддима, тавсифи умумии кор, натиҷаҳои тадқиқот ва хулосаҳо дар ҳаҷми 117 саҳифаи чопи компютерӣ навишта шудааст, аз он ҷумла 13 расм, 28 ҷадвал ва рӯйхати адабиёт аз 146 адад, иборат мебошад. Ва ба пурагӣ харитаҳо ва нақшаҳоро дар ҳаҷми 41 саҳифа ҳамчун замима пешниҳод карда шудаанд, харитаҳо ва нақшаҳои номбурда ба воситаи технологияи муосири геоиттилоотӣ яъне (ГИС) ба даст оварда шудаанд, ки дақикияти баландро доро мебошанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия оид ба асоснокkунӣ ва омӯзиши мавзӯъ равона гардида, инчунин аз худ намудани заминҳои бекорхобидаи доманакӯҳӣ бо назардошти обёрӣ намудан ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани онҳо, бо истифода аз системаи муосири геоиттилоотӣ (ГИС – технология) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз масъалаҳои муҳими актуалӣ ба ҳисоб меравад.

Дар қисми тавсифи умумии кори докторант PhD Парвизи Ҳотам оварда шудааст: Мақсади таҳқиқот, объекти таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, усулҳои таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот, аҳамияти амалӣ ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот, ки тибқи талаботи Комиссияи Олии Аттестатсионии (КОА) назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиб дода шудааст.

Мақсади кори диссертатсионӣ ин баҳодиҳии ба зарфияти агрозахираи ландшафтии заминҳои обёришавандаи водии Данғара бо

истифода аз имкониятҳои системаҳои геоиттилоотӣ ГИС - технология, аз ҷумла баррасӣ намудани амалиёти бақайдгирӣ, тархрезӣ, муайянсозӣ, моделкунонӣ ва сохтани базаи маълумоти минтақаи таҳқиқотӣ ва пешгӯии тағйирёбии зарфият, коркарду пешниҳодҳо оид ба истифодабарии замин бахшида шуда, аҳамияти амалии он ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ мебошад.

Вазифаҳои тадқиқот аз муайянсозӣ ва баҳодиҳӣ ба зарфиятҳои агроландшафтии заминҳои обии водии Данғара, ташхиси спектрии акси кайҳонии қитъаҳои таҳқиқот тариқи системаҳои геотехнологӣ (ГИС-технология) ва муайян намудани самтнокии нишебзаминҳо, ошкор намудани таъсири омилҳои антропогенӣ ба заминҳои кишоварзӣ, хусусан обӣ ва баҳодиҳии ҳолати воқеии онҳо, инчунин ба коркарди махзани маълумот ва харитаҳои рақамии агроландшафтии заминҳои обии водии Данғара бахшида шудааст.

Дар боби 1 таҳлили асосҳои назариявию амалиявии технологияи системаи геоинформатсионӣ (ГИС-технология) дарҷ гардидааст. докторант PhD Парвизи Ҳотам ин мавзӯъро бо пуррагӣ омӯхта, дар натиҷаи таҳлили илмии маводҳо ва адабиёти зиёди олимони ҷаҳон, ки ба асосҳои назариявию амалиявии технологияи системаи геоинформатсионӣ бахшида шудааст, омӯзиши васеъ гузаронида, ба хулосае омадааст, ки истифодаи ГИС-технология барои баҳодиҳӣ ва мониторинги агроландшафти заминҳои кишоварзӣ аҳамияти калон дорад.

Дар боби 2 вобаста ба баҳодиҳии зарфияти агроландшафти заминҳои обии водии Данғара бо истифодаи системаи геоиттилоотӣ (ГИС-технология) ва арзёбии оварда шудааст. Натиҷаҳои ин боб пура ба таҳқиқоти гузаронидашуда бахшида шуда, докторант PhD маълумоти зиёди геоиттилоотиеро, ки дар муддати солҳои таҳқиқот 2016-2019 ба даст овардааст, таҳлилу моделсозӣ намуда, доир ба ҷойгиршавии табиию ҷуғрофӣ, релефӣ, ҳолати нишебзаминӣ, самтнокии заминҳо, шароити хокӣ, вазъи мелиоративӣ, кишоварзӣ, эрозияи хок, фурӯ рафтани заминҳо ва ҳолати агроладшафти маҳалро баҳодиҳӣ намуда, зарфияти заминҳои

обёришавандаи водии Данғараро муайян намудааст, ки махзани илмии пурарзиш мебошанд.

Тибқи таҳлилҳои гузаронидани докторант PhD дар давоми 17 соли охир таназзули масоҳати майдони заминҳои киштшавандаи наздисоҳилӣ дар ҷамоати деҳоти Лолазори ноҳияи Данғара бо ҳисоби максималӣ то 95 -100 га, минималӣ 80 -85 га баробар шудааст. Хисороти тағйирпазирии маҷрои дарё бо назардошти раванди ҷаршавии деворҳои дарё ва сойҳои мавсимӣ хеле пуршиддат идома дорад. Ба чунин ҳисороти ҷиддӣ ягон чораҳои пешгирӣ, бархамдиҳӣ ва камкунии ҳисорот то хол андешида нашудааст. Таъсири холати тағйирпазирии рӯдхона ба пастравии зарфияти агрозахираи заминҳои обӣ, дар ҷамоати деҳоти Лолазори ноҳияи мазкур таъсир расонидааст, ки камшавии масоҳати майдон бо дарозӣ 1600 м ва бар 190 м (бо ҳисоби миёна) ба қайд гирифта шуда, майдони 30,14 га - ро дар бар мегирад.

Дар боби 3 оид ба ҳисоббарории иқтисодии баҳодиҳӣ ба зарфияти заминҳои обии водии Данғара оварда шудааст. Самаранокии иқтисодии баҳодиҳӣ ба зарфияти заминҳои обии водии Данғара бо роҳи муқоисакунии хароҷот оид ба гузаронидани корҳои таҳқиқотии саҳрой, камералӣ ҳангоми истифодаи усули анъанавӣ ва бо истифодаи системаҳои геоиттилоотӣ (ГИС-технология) ҳисоббарорӣ таҳлил шудааст, ки хароҷоти корҳои таҳқиқотӣ ва камералӣ ҳангоми баҳодиҳӣ ба зарфияти агроландшафти заминҳои обёришавандаи водии Данғара бо методи системаҳои геоиттилоотӣ нисбат ба методи анъанавӣ 26,1 – маротиба камтар аст.

Дар баробари ин бартариятҳо дар кори диссертатсионӣ камбудиҳо низ ҷой доранд:

1. Дар диссертатсия хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст.
2. Дар тарҷумаи руссии автореферат камбудиҳо ба назар мерасанд, ки муаллифро мебояд барои рафъи он таваҷҷӯҳ зоҳир намояд.
3. Дар иқтибосҳои диссертатсия, ки аз маводҳои интернетӣ истифода шудаанд, хуб мешуд, ки ба ҷои иқтибоси интернетӣ номи муаллифон дарҷ мегардид.
4. Дар саҳифаи 27-и диссертатсия миқдори боришоти солона 681 мм-ро ташкил медиҳад, вале наовардааст кадом сол?

5. Дар саҳифаи 53-и диссертатсия гуфта шудааст, ки натиҷаи корҳои гузаронидашуда дар замимаи 2.6.1, 2.6.5 ва 2.6.9 пешниҳод гардидааст, вале дар диссертатсия ин замимаҳо вуҷуд надоранд.
6. Дар саҳифаи 75 ва 76-и диссертатсия оид ба шусташавии хок аз ҳисоби рудхонаи дарёи Тоирсӯ ва сойҳои мавсими, ки бо га ҳисоббарорӣ шудааст, беҳтар мебуд, ки бо метри кубӣ ҳиссоббарорӣ мешуд.

Камбудиҳои ҷойдошта на он қадар ҷиддӣ буда, ба мазмун ва муҳтавои кори илмии мазкур таъсири манфӣ намерасонад.

**Хулоса:**

Докторант PhD Парвизи Ҳотам барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 60081000- мелиоратсия, баркарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо сазовор мебошад.

Диссертатсия ва автореферат ба ҳам тибқи талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 ноябри соли 2016, №505) мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи мазкур аз рӯйи мазмуни илмӣ ва шакли таҳияи доктори фалсафа дар мавзӯи «Баҳодиҳии зарфиятҳои агроландшафти заминҳои обёрии водии Данғара бо истифодаи технологияи системаи геоиттилоотӣ» ҳамчун кори илмӣ – тахассусӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳалли масъалаҳои муҳим ва бартариятдоштаи илмҳои техникӣ, ки ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон банди 7 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он арзандаи дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисоси 60081000- мелиоратсия, баркарорсозӣ ва ҳифзи заминҳо мебошад.

Мудири шуъбаи ҳифзи хок аз эрозияи Институти хокшиносӣ ва агрохимияи АИКТ, н.и.к.
Тел: 918 69 39 55
E-mail: saminov@live.com

Аминов Шариф Разоқович

«31» январи 2022

Имзои Ш.Р.Аминовро тасдиқ менамоям нозири кадрҳо:

Шабнами Р.

ШУЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ